**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) www.tnu.tj**

## Тақризи

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи “Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи “Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ” ба мавзӯи мубрами ҷаҳони муосир бахшида шудааст. Дар давраи ҷаҳонишавӣ, ки дар муқоиса бо паҳлӯҳои хуби худ, бештар падидаҳои таҳдидоварро барои давлатҳои тозаистиқлол эҷод намудааст, таъсири фаъолияти тахрибкоронаи гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ин ё он кишвар афзудааст. Хусусан, ташдиди ин падидаи номатлуб дар минтақаи Осиёи Марказӣ, Ховари Миёна ба назар мерасад.

**Аҳамияти таҳқиқоти масъала.** Масъалаи таъсири равия ва ҳизбҳои тундраву террористӣ ба ҷомеаи муосир ва ҳаёти маънавии ба доғи рӯз табдил ёфтааст. Ақидаҳои зарарноку мутаассибонаи ин равияҳо маънавиёти ҷомеаро заҳролуд карда, воситаи ҷалби диндорон, хусусан ҷавонон ба амалиёти харобкоронаю террористӣ гардидаанд. Таълимоти онҳо ба рушди ҳаёти солими маънавӣ халал расонида мардуми ноогоҳро пойбанди ҳаргуна ақидаҳои манфие, ба мисли зӯроварӣ, ифротгароӣ, низоъҳои мазҳабию сиёсӣ месозанд, ки ба амнияти ҷомеа хатарҳои ҷиддие доранд. Дар ҷомеа мавқеъ гирифтани чунин ақидаҳо заминаҳои устувори ғоявӣ барои ифротгароӣ ба вуҷуд меоваранд, ки таъсири номатлуби он метавонад солҳои зиёде дар ҳаёти маънавии иҷтимоӣ эҳсос шаванд.(С.3)

Маънавиёт дар ҳама давру замон чун заминаи пешрафту тараққиёт ва ғояи созанда хизмат кардааст. Аз ин рӯ, зарар расонидан ба ҳаёти маънавӣ ва бетарафӣ зоҳир кардан ба ин масъала садди роҳи инкишофи ҷамъиятӣ мегардад ва мушкилот низ дар дунбол дорад. Таълимоти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ низ аз ин қабил буда, нафақат хислати иртиҷоӣ доранд, балки сабаби ба бӯҳрони амиқи маънавӣ гирифтор гардидани қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Таҳдиду харобкориҳои маънавии онҳо аз таъсири сиёсиву

иҷтимоишон муассиртар аст. Алалхусус, вақте идеологҳои онҳо ба аслҳое такия мекунанд, ки мазмуни ҳақиқии онҳо таҳриф шудааст ва ташхиси дурусти он ба оммаи мардум, махсусан ҷавонони аз дину сиёсат камогоҳ, мушкил мебошад. Аз ин рӯ кушодани моҳияти таълимоти онҳо ва нишон додани зарари маънавии ин таълимот аз вазифаҳои муҳимми улуми фалсафаи иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат аст.(С.4)

Мубрам будани мавзӯи диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи **“Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ”** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур моҳияти таҳдидҳои маънавӣ аз ҷониби равияҳои тундраву ифротгаро баррасӣ шуда, таъсири номатлуби онҳо ба ҳаёти маънавии кишвар аз лиҳози фалсафӣ таҳлил мегардад, роҳу воситаҳои пешгирии ин таҳдидҳо ва таъмини амнияти ҳаёти маънавии ҷумҳурӣ илман нишон дода мешавад.

**Мазмуни мухтасари таҳқиқот.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ асоснок мешавад, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои он муайян мешавад, навовариҳои илмӣ, принсипҳои методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ошкор карда мешаванд, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, шакл мегиранд, маълумот оид ба таъйиди натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва мӯҳтавои рисола оварда мешавад. Дар боби якуми диссертатсия заминаҳои назариявӣ-методологии ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити муосир омӯхта шудааст. Дар **зербоби аввал** ин боб аҳамияти омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа барои ҳифзи бехатарии он баррасӣ гардидааст. Ба ақидаи диссертант, дар шароити муосир, тағйирпазирии тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, қувват гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, рӯи саҳнаи таърих омадани иштирокчиёни нави равандҳои сиёсӣ, мураккабтар гардидани тафриқаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ боиси пайдоиши як қатор масъалаҳо гардидаанд, ки дарки илмиву назариявии онҳо зарур ва ҳатмӣ шуморида мешавад. Яке аз ин масъалаҳое, ки ба амнияти ҷомеа таъсири зиёд мерасонад ва ба назар нагирифтани он ҷомеаро ба бунбаст мебарад, тағйиротҳо дар ҳаёти маънавии ҷомеа аст.

**Зербоби дуюм** боби аввал ба таҳқиқи фалсафӣ-иҷтимоии истилоҳи амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Саидов Д.М. таъкид менамояд, ки масъалаи таъмини амният аз давраҳои қадим мавҷуд буда, дар асоси пайдоиши талабот ба ҳимояи маскан ва ҳудуд, ҳаёти худ ва наздикон, муққадасот ва ғ. ба миён омадааст. Хатару таҳдидҳо дар ҳама

ҳолат ҷой доштанд ва дар ин замина, таъмини амният яке аз талаботи асосии инсон ва ҷомеа гардид, ки қонеъ сохтани ин талабот дар давраҳои мухталифи инкишофи таърихӣ на танҳо аз сатҳи давлатӣ рушди умумии иқтисодӣ ва фарҳанг, балки дар сатҳи рушди худи инсон, сатҳи маълумотнокӣ ва маҳорати ӯ муайян карда мешавад.

Дар **зербоби сеюми** боби якум муаллиф таъсири манфии идеологияи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба рушди маънавиёти ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба ақидаи муаллиф ифротгароӣ ин зуҳуроти номатлубест, ки дар он вайрон намудани низоми мавҷудаи иҷтимоиву фарҳангӣ мушоҳида шуда, моҳиятан, раванди зиддитамаддунӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи изҳороти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, дар ояндаи наздик сарҳадоти давлатҳое, ки дар он ифротгароён фаъолият менамоянд, васеъ гардида, барои бунёди давлати ягонаи исломӣ заминаи боэътимод ба миён меоянд.

Боби дуюми рисола ба омӯзиши таҳдиди гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ муайян кардааст. Мувофиқи назари муаллиф баъди барҳам хӯрдани Итиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати карахтии сиёсӣ-идеологӣ рӯ ба рӯ шуд ва гурӯҳҳои мухталифи тахрибкор ба хотири ба даст овардани қудрати сиёсӣ, бо дастгириву сарпарастии хориҷиён қувва ва маблағҳои зиёдеро барои ба ҷониби худ ҷалб намудани неруҳои нав аз ҳисоби насли ҷавон, сафарбар намудаанд. ТТЭ ҲНИ низ муборизаи худро барои ғасби қудрат дар солҳои 90-уми садаи гузашта дар Тоҷикистон бо ҳамин мақсад оғоз намуд. Саидов Д.М. таъкид менамояд, ки масъулону аъзоёни ниҳоят мутаассиби ТТЭ ҲНИ бо амалҳои тахрибкоронаашон сабабгори сар задани ҷанги дохилии Тоҷикистон гардида буданд.

Дар **зербоби дуюм боби дуюм** диссертант ба пажуҳиши масоили таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ ҳамчун воситаи асосии муқовимат ба фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ машғул шудааст. Ба ақидаи муаллиф бухрони маънавӣ ва масъалаҳои амнияти маънавӣ дар ҳоле мубрамият касб менамояд, ки дар ҳаёти ҳаррӯза зоҳир мешаванд дар сатҳи хеле паст қарор мегиранд. Дар ин замина, фарҳанги маънавӣ қувваи ғизоии домии худ ва фазои махсуси иҷтимоикуниашро аз даст медиҳад. Аз ин хотир, муаллиф тавсия медиҳад, ки ба рушди маънавиёти ҷомеа диққати махсус равона карда шавад, зеро дар ҷомеае, ки сатҳи баланди маънавиёт ҷой дорад, ҳалли масъалаҳои мухталиф, аз он ҷумла маҳдуд намудани фаъолияти созмону ҳаракатҳои ифротгароиву террористӣ самаранок мегардад.

Муносибати маҷмӯавии иштироки васеи тамоми ҷомеа, ҷалби тамоми низоми муассисаҳои фарҳангӣ ва соҳаи иҷтимоӣ дар мубориза ба ифротгароӣ ва терроризм зарур ҳисобида мешавад.

Дар ин самт, ба ақидаи диссертант, метавон аз воситаҳои ахбори умум, муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ фаровон истифода намуда дар асоси нерӯи зеҳнии онҳо ба муқобили гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ муқовимат намуд, ки дар таъмини амнияти маънавии ҷомеа нақши назаррас хоҳад гузошт. Дар ҳолати баланд будани сатҳи фарҳанги маънавӣ намояндагони ифротгароӣ ва тероризм чандон дар ҷомеа мақом пайдо карда наметавонад.

Дар **зербоби сеюми боби дуюм** муаллиф роҳҳои бартараф кардани таҳдидҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикистониро таҳқиқ кардааст. Ба ақидаи муаллиф барои муборизаи самаранок бо ифротгароии динӣ, зарур аст, ки фаҳмиши консептуалии ин падида мушаххас гардида, коркарди бунёдӣ карда шавад ва методикаи таҳқиқоти моҳияти он амалӣ гардад. Он ба самаранокии қарорҳои давлатӣ дар самти мубориза бо ифротгароӣ вобастагӣ дорад. Дар мубориза бо ифротгароӣ ва радикализми динӣ дар Тоҷикистон методҳои зӯроварӣ бартарӣ доранд, лекин самаранокии онҳо хеле камтар аст. Зарур аст, ки шаклҳои пешгирикунандаи мухолифат бо ифротгароии динӣ инкишоф дода шавад, зеро мувофиқи таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ шаклҳои гуногуни муборизаи дорои самараи муайян зиёд мебошанд.

**Сатҳи эътимодноки хулосаю пешниҳод ва баррасии илмии масъала.**

Дар омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда муаллиф аз методҳои гуногуни илмҳои ҷамъиятшиносӣ ба таври васеъ истифода бурдааст ва риояи қатъии принсипи умумиилмии объективият дар раванди таҳқиқот назаррас аст.

Яке аз паҳлӯҳои мусбати диссертатсия аз он иборат аст, ки муаллиф тавонистаст таъсири фаъолияти тахрибкоронаи гурӯҳҳои динӣ-ифротиро ба амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ бо истифода аз таҷрибаҳои мавҷудаи илмӣ-амалӣ ва далелҳои раднопазир дақиққорона таҳлил ва баррасӣ намояд.

Диссертант илман асоснок намудааст, ки мухолифат бо ифротгароӣ ва терроризмро наметавон танҳо бо фаъолияти қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳ монд. Зарур аст, ки дар мухолифат бо ифротгароӣ ва терроризм дар асоси ҷалби қишрҳои мухталифи ҷомеа, махсусан муассисаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ, ба роҳ монда шавад. Дар ин самт пурзӯр намудани барномаҳои таълимиву маърифатӣ дар сатҳи давлатӣ мувофиқи мақсад мебошад;.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот ва сатҳи эътимоднокии онҳо.**

Диссертатсияи Саидов Д.М. ба назари мо яке аз аввалин корҳое мебошад, ки масоили таъсири фаъолияти тахрибкоронаи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии кишвар дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик бо таври комплексӣ ва дар чаҳорчӯбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ таҳқиқ кардааст. Муаллиф дар асоси баррасӣ ва таҳқиқи амиқи таъсири созмонҳои бунёдгаро ва ифротгароии динӣ, роҳҳои пешгирии фаъолияти тахрибкоронаи онҳоро дар ҷомеаи тоҷикистонӣ пешниҳод намуда, бо ин восита яке аз масъалаҳои муҳими назариявиро барои илми муосири тоҷик ҳал намуд. Муаллиф исбот намудаст, ки воситаи пуриқтидори мухолифат ба паҳн гардидани ифротгароии динӣ метавонад ташвиқу тарғиби арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва анъанаи миллату халқиятҳо: ватандӯстии онҳо; мазҳабпарастӣ, эҳсоси масъулият барои тақдири наслҳои оянда, ки хоси онҳо аст, таҷрибаи чандинасраи бартараф намудани мушкилоти ҳаётӣ бо саъйу кӯшиши якҷоя бошад.

Яке аз навовариҳои таҳқиқоти Саидов Д.М. аз он иборат мебошад, ки дар қаринаи пешгирӣ намудани таҳдидҳои гурӯҳҳои ифротӣ-динӣ, роҳҳои бартараф кардани таҳдидҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикистониро пешниҳод шудааст, ки он арзиши илмӣ-амалӣ таҳқиқотро ба маротиб баланд бардоштааст. Дар ин пешниҳодҳо хусусиятҳои фазои фарҳангии ҷумҳурӣ, сатҳи маънавиёти аҳолӣ ба назар гирифта шудаанд. Самтҳои таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ ҳамчун воситаи асосии муқовимат ба фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ бо нигоҳи илмӣ муайян карда шудаанд.

**Камбудиҳои диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ба назари мо чунин камбудию норасоиҳо ба чашм мерасанд:

1)Дар матни диссертатсия хатоҳои техникӣ-грамматикӣ ба чашм мерасанд. Матни диссертатсия ба таҳрири техникӣ ниёз дорад.

2)Агар диссертант дар раванди таҳқиқот аз адабиёти навини панҷсолаи охир оид ба ифротгароии динӣ бештар истифода мекард, мазмуни диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид. Дар диссертатсия маводи илмие ба чашм мерасад, ки 20 сол қабл дар бораи хусусиятҳои ифротгароии динӣ нашр гардидааст. Аммо дар номи диссертатсия махсус навишта шудааст “таъсири **гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир**”, яъне бояд муаллиф бештар ба маводи илмии 5 соли охир бештар такия мекард ва падидаи ифротгароиро дар чорчӯбаи раванди муосири геополитикӣ ва ҷаҳонишавӣ таҳқиқ мекард.

Муаллиф ба таҳқиқотҳои ватанӣ, ки солҳои охир дар Тоҷикистон нашр гардидаанд, бояд бештар таваҷҷӯҳ мекард.

3)Дар диссертатсия байни объект ва предмети таҳқиқот ба назари мо фарқият дида намешавад. Нигаред: "Объекти таҳқиқот – таъсири харобиовари гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик дар шароити Тоҷикистони муосир. Предмети таҳқиқот – омӯзиши таъсири фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеа."

**Мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраршуда.**

Диссертатсияи Саидов Д.М. кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад, ки аз рӯи сохтор тибқи талаботи муқарраршуда омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи таҳқиқшаванда робитаи бевосита дорад. Диссертатсия аз рӯи мазмуну мӯҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад. Автореферати диссертатсия ва корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқот ба чоп расидаанд, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро ба пурррагӣ инъикос менамоянд.

Дар умум кори диссертатсионии Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи **"Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ"** ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он **Саидов Далер Муҳибуллоевич сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа** мебошад.

**Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич,**
доктори илмҳои фалсафа,
муовини Директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Имзои Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевичро **тасдиқ мекунам:**

Нозири калони Шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ
**Кучарова Б.**